**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Пурзӯр гардидани ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ яке аз масъалаҳои муосири нигаронкунандаи ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад, ки таълимотҳои онҳо ба тафаккури шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон роҳ ёфта, рафтору андешаҳои онҳоро тағйир медиҳад. Мутаассифона, Тоҷикистон низ аз таъсири ин гуна зуҳуротҳо, махсусан, зоҳиршавии ифротгароии динӣ дар канор намондааст. Барои Тоҷикистон масъалаи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ҳамчун хатари асосӣ ба амнияти миллӣ ва бехатарии шаҳрвандон боқӣ мемонад, пайдо шудани фазои ягонаи иттилоотӣ ва воситаҳои муосири коммуникатсия эҳтимолияти рушди минбаъдаи зуҳуроти ифротгароии диниро ба маротиб зиёд намудааст.

Чи хеле, ки муаллиф қайд менамояд, ҳодисаҳои солҳои охири Шарқи Наздику Миёна намунаи фаъолияти ҳамингуна ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии онҳо ва таъсири онҳо ба ҳаёти кишварҳои мазкур қариб ба ҳама ошкор аст ва таҳқиқотҳои зиёде дар ин бора анҷом гирифтаанд. Аммо таъсири манфии маънавии ин ҳодисаҳо ба ҷомеа ва натиҷаи харобкоронааш ба ҳаёти маънавӣ ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор нагирифтааст. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин қабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву иҷтимоишон муассиртар аст. Аз ин рӯ кушодани моҳияти таълимоти онҳо ва нишон додани зарари маънавии ин таълимот аз вазифаҳои муҳимми улуми фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат аст.

Ба андешаи Саидов Далер Муҳибуллоевич таълимоти ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгароӣ, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти ҷомеа хатарҳои ҷиддие доранд. Дар ҷомеа мавқеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгароӣ ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шавад. Муаллиф қайд менамояд, ки амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои

муҳим табдил ёфта, нишон додани роҳҳои пешгирии ин таҳдидҳо масъалаи ҳаётан муҳимми тамоми ҷомеа мебошад. Масъалаи таъмини амнияти маънавӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аз муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мешавад.

Дар автореферат муаллиф таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосирро ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ таҳлил намуда, чунин хусусиятҳои онро нишон додааст:

•дар рисола бори аввал дар илми фалсафа таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст;

•бори аввал талош ба харҷ дода шуда аст, ки таъсири манфии таълимоти ифротгароёни исломӣ ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст;

•таҳдиҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза, инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи муосир бо далелҳои мӯътамад арзёбӣ гардидаанд;

•роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст;

•усулҳои муқовимат ва маҳдуд намудани таъсири фаъолияти мухталифи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик асоснок карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеаи тоҷик мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар тадқиқот диссертант барои омӯзиши таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ методҳои таҳлили мантиқӣ, муносибати системавӣ, таърихӣ, муқоисавӣ ва функсионалӣ ва таҳлили сиёсӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили сохториву арзишии ҳуҷҷатҳо ва маводҳои сиёсӣ истифода шудаанд.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ ошкор намудани таъсири ҷараёнҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад, ки аз аҳамиятнокии мавзӯи тадқиқотӣ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусиятҳои ҷиддии илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои тадқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос менамоянд.

Дар баробари ин ҳама дар автореферат баъзе камбудиҳое низ ба чашм мерасанд:

1. Пайваст намоии баъзе ҷумлаҳо мантиқан нодурӯст оварда шудааст.

2. Аз автореферати рисола чунин бар меояд, ки муаллиф ҳангоми навиштани рисола бештар ба муҳаққиқони хориҷӣ таваҷӯҳ кардааст. Агар аз адабиётҳои дар панҷ соли охир, чопшудаи муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода мекард сифати кор бозҳам хубтар мегашт.

Аммо аҳамиятнокии автореферати Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ»-ро маҳдуд намегардонанд. Мазмуни автореферат ва корҳои банашррасондашуда моҳияти тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд. Ба андешаи мо, автореферат ба таври касбӣ навишта шудааст ва хулосаҳою навовариҳои он аз касбияти баланди муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Бо назардошти таҳлилҳои дар боло овардашуда диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи **«Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ»** ба талаботҳои муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, худи муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа мебошад.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи
сотсиологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Миров Фирӯз Сафаралиевич
Тел.: 937333311
Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, тел.: (+992 322) 2245560
Имзои Ф. Мировро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ ____________

«22» «12» с. 2020